**Тақризи**
**мушовири илмӣ**
**ба рисолаи Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович дар мавзуи “Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикони ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Узбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Бо гузашти беш аз яксаду панҷоҳ соли таҳқиқи илмии шеваҳои забони тоҷикӣ ҷиҳати баррасии масоили гуногуни лаҳҷаҳо иқдомоти муҳимме анҷом гирифтааст, ки дар ҳалли масоили шевашиносии тоҷик муфид арзёбӣ мегарданд. Дар марҳилаи аввали таҳқиқи шеваҳо, ки ба қалами В. В. Григорев, А. А. Семёнов, П. Е. Кузнетсов, И. И. Зарубин, М. С. Андреев ва дигарон марбут аст, ба масъалаи ҷамъоварии маводи лаҳҷаҳо ва таснифоти шеваҳои забони тоҷикӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода мешуд. Марҳилаи баъдӣ, ки аз солҳои 40-уми асри гузашта сар мешавад, дар ташаккули шевашиносии тоҷик таъсири калон расонид.

Ба масъалаҳои гуногуни таҳқиқи шеваҳо донишмандони зиёде даст зада, асару мақолаҳои мондагоре ба мерос гузоштаанд. Махсусан, осори В. С. Расторгуева, Л. В. Успенская, А. З. Розенфелд, А. Л. Хромов, Р. Л. Неменова, Ю. И. Богорад, А. А. Керимова, Л. Бузургзода, О. Ҷалолов, Б. Н. Ниёзмуҳаммадов, Т. Зеҳнӣ, Н. Беҳбудӣ, М. Эшниёзов, Р. Ғаффоров, Ғ. Ҷӯраев, С. Атобуллоев, М. Маҳмудов, Ҷ. Мурувватов, У. Обидов, Т. Мақсудов, А. Ҳасанзода ва дигарон барои ҳалли масъалаҳои гуногуни шевашиносӣ мусоидат кардаанд. Ин марҳала бо он муҳим аст, ки таснифоти шеваҳои забони тоҷикӣ (аввал аз тарафи А. З. Розенфелд ва баъдан В. С. Расторгуева) сурати илмӣ гирифт ва муҳаққиқон тибқи он лаҳҷаҳои забони тоҷикиро тавонистанд дар шакли система мавриди баррасӣ қарор диҳанд. Таҳқиқи лаҳҷаҳои гуногуни шеваҳои забони тоҷикӣ дар шакли корҳои диссертатсионӣ, монографӣ, очеркҳои лаҳҷашиносӣ ва мақолаҳои алоҳида вусъат пайдо кард. Луғатномаҳои хурду бузурги шевашиносӣ ба вуҷуд омада, барои нигаҳдории лаҳҷаҳо фонди шевашиносӣ дар Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ таъсис ёфт. Дар баробари дар шакли система (фонетик, лексика, морфология, ва синтаксис) омӯхтани лаҳҷаҳо корҳои марбут ба масоили равияҳои алоҳидаи илмӣ ба вуҷуд омаданд. Махсусан, баррасии системаи лексикаи лаҳҷаҳо (Ғ.Ҷӯраев), таҳқиқи масоили калимасозӣ (С.Раҳматуллозода), таҳқиқи қабатҳои алоҳидаи луғавӣ (М. Бобомуродова, С. Юсупова, Ҷ. Саидов ва диг.), фразеология (Н.Гадоев), дузабонӣ дар муҳити лаҳҷа (М.Каримова) ва дигар масъалаҳои мубрами илмӣ баррасӣ гардидаанд. Бо вуҷуди ин, дар баррасии таркиби луғавии шеваҳо масоили таҳқиқнашуда кам нестанд. Яке аз масъалаҳое, ки дар корҳои илмӣ-тадқиқотии шевашиносӣ ба он ишораҳо шуда, то имрӯз дар шакли диссертатсионӣ омӯхта нашудааст, калимаҳои хоси шева мебошанд. Калимаҳои хоси шева қабати махсусест, ки фарқи шеваҳоро дар сатҳи

лексика ва грамматика нишон дода метавонад. Ҳарчанд онҳо дар сатҳи забони адабӣ чандон корбурд надоранд, аммо воқеият ин аст, ки ганҷинаи бебаҳои миллӣ ба шумор мераванд. Аз ин назар, ҷамъоварӣ, танзиму тасниф, нигаҳдорӣ ва таҳқиқи илмии онҳо ҷиҳати пешниҳоди ин гуна вожаҳо барои истифода дар забони адабӣ **яке аз масоили мубрами илмӣ** ба шумор меравад. Ба ин кори ниҳоят муҳим камари ҳиммат бастани муҳаққиқ Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович саривақтӣ ва муҳим ба шумор меравад. Дар шакли "Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикони ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Узбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ" номгузории диссертатсия мувофиқи мақсад буда, ҷиҳати матраҳ кардани масъалаи баррасии калимаҳои хоси шева, ки то имрӯз мавриди баррасии диссертатсионӣ қарор нагирифтааст, мусоидат мекунад. Мушоҳидаҳо гувоҳи онанд, ки лаҳҷаҳои тоҷикони ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Узбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ аз рӯйи фарогирии калимаҳои хоси шева мақоми махсус доранд. Онҳо дар тули садсолаҳо барои баровардани ниёзҳои мардумон хизмат карда, дар қабатҳои гуногуни луғавии лаҳҷаҳо ифодакунандаи нозуктарин мафҳумҳо ва матолиби мардумӣ хизмат менамоянд. Зимни рушду такомул ва ташаккули таркиби луғавии шеваҳо калимаҳои хоси шеваҳо вариантҳо пайдо карда истодаанд, аммо нозукие, ки вожаҳои соф лаҳҷавӣ ифода мекунанд, он вариантҳо ифода карда наметавонанд. Роҳҳои калимасозии шеваҳо бо доштани хусусиятҳои умумитоҷикӣ ва фарқкунанда дар такомули вожаҳои хоси лаҳҷа мусоидат менамояд. Баррасии илмии калимаҳои хоси шева, роҳҳои пайдоиши ин қабати луғавӣ, такмил, таъсири калимаҳои иқтибосӣ ба онҳо, истифодаи онҳо дар гурӯҳҳои мавзуӣ ва ғайра масъалаҳои муҳимми илмие мебошанд, ки дар бобҳои диссертатсияи Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович мушоҳида мегарданд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, адабиёт, замимава ихтисоршудаҳо иборат аст. Муқаддимаи кор мутобиқи анъанаи муқаддиманависӣ танзим гардида, ба талаботи корҳои илмӣ мувофиқ аст. Дар бобҳои кор масоили назариявӣ ва амалии марбут ба мавзуъ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтаанд.

Баррасии масъалаҳои назариявии калимаҳои хоси шева дар таҳқиқоти забоншиносони хориҷию ватанӣ кайҳост, ки мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Ин аст, ки диссертант андешаҳои олимони мутааддидро омӯхта, таҳлили илмӣ карда, ҳусну қубҳи онҳоро нишон медиҳад, ки онҳо барои таснифи калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикони ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Узбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ мусоидат кардаанд. Дар баробари андешаҳои олимон фикри мустақили муаллифи диссертатсия муҳим арзёбӣ мегардад, ки дар кори илмӣ нуктаи зарурӣ шумурда мешавад.

Ташаккули калимаҳои хоси шева аз роҳҳои гуногун сурат мегирад, ки инро таҳқиқи муаллиф равшан нишон медиҳад. Мисли забони адабии тоҷикӣ дар шеваҳо низ барои такомули таркиби луғавӣ роҳу воситаҳои калимасозӣ ва вожаҳои иқтибосӣ аз дигар забонҳо мавқеи асосӣ доранд. Донишҳои назариявии марбут ба калимасозӣ ва иқтибосот ба муаллифи диссертатсия

Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович имкон додааст, ки ин масоилро дар кор ба шакли бояду шояд мавриди таҳқиқи илмӣ қарор диҳад.

Масъалаи бисёр ҳам муҳим дар таснифоти калимаҳои хоси шева мансубияти онҳо ба гурӯҳҳои мавзуи мебошад, ин масъаларо бо интихоби дурусти усулҳои забоншиносии таҳқиқ мавриди баррасӣ қарор додааст. Диалектизмҳо дар шеваҳо хеле зиёданд ва мафҳумҳои гуногуни ҳаётиро ифода мекунанд. Аз ин нуқтаи назар баррасии калимаҳои хоси шева дар доираи лексикаи предметӣ ва ғайрипредметӣ қимати корро афзудааст. Гурӯҳбандии лексикаи предметӣ ва ғайрипредметӣ, нишон додани дараҷаи истифодаи диалектизмҳо дар доираи мавзуъҳои мухталиф, изоглоси онҳо, таҳқиқи компоративии ин қабати луғавӣ дар сатҳи лаҳҷаҳои тоҷикони ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Узбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ аз масъалаҳои муҳиме мебошанд, ки дар диссертатсия мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар кор андешаҳои олимони гуногунсатҳ бо маданияти баланди илмӣ баррасӣ шуда, барои тақвияти фикр истифода гардидаанд. Маълум мегардад, ки масъалаҳои назариявии масоили матраҳшуда пурра омӯхта шудаанд ва аз ин рӯ метавон гуфт, ки дар баррасии масъалаи диалектизмҳои лаҳҷаҳои омӯхташаванда ин кори диссертатсионӣ як навъ рисолаи ҷамъбастӣ ба шумор меравад. Ин андеша тасвибкунандаи **аҳамияти назариявӣ ва амалии** диссертатсия мебошад.

Хулосаи бобҳо, зербобҳо ва хулосаи умумии диссертатсия хусусиятҳои муҳимми корро дар шакли мухтасар фаро мегиранд.

Автореферати диссертатсия ва осори илмии чопкардаи муаллиф мазмуну муҳтавои корро инъикос менамоянд.

Бо ҳамин метавон гуфт, ки ҳадафу вазифаҳои дар пешгузоштаи муаллиф пурра иҷро шудаанд ва диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба рисоланависӣ мувофиқ аст. Аз ин рӯ, онро анҷомёфта мешуморам ва барои муҳокимаю дифоъ тавсия медиҳам.

Мушовири илмӣ, муовини раиси Кумитаи забон
ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,
узви вобастаи АМИТ,
доктори илми филология Раҳматуллозода Сахидод

**Нишонӣ**: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25,
E-mail: saxidodi@list.ru
Тел.: +992 (37) 227 59 38; +992 (37) 227 78 29; дастӣ: (992) 919 00 21 78

Мудири бахши умумӣ ва кор бо кадрҳои
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуллоев Шариф

14.02.2023